Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Корхонаҳои воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»

# Дастурамал

## оид ба истифодабарӣ ва ворид намудани маълумотҳо ба барномаи “Бойгонии электронӣ”

Душанбе – 2021

Бо фармони директори
КВД «БММҒ» №427
аз 23 декабри соли 2021
тасдиқ шудааст

# *Дастурамал*
## *оид ба тартиби ворид намудани маълумотҳо ва истифодабарии барномаи “Бойгонии электронӣ”*

**Душанбе – 2021**

**Мундарича**


| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муқаррароти умумӣ | ......................... | саҳ. | 3 |
| 2 | Мафҳумҳои асосӣ | ......................... | саҳ. | 3 |
| 3 | Вазифа ва масъулияти истифода - барандагони Барномаи “Бойгонии Электронӣ” | ......................... | саҳ. | 4 |
| 4 | Субъектҳои истифодабарии барномаи “Бойгонии Электронӣ” | ......................... | саҳ. | 4 |
| 5 | Тартиби ворид шудан ба барномаи “Бойгонии электронӣ” | ......................... | саҳ. | 5 |
| 6 | Тартиби иваз намудани рамзи истифодабаранда | ......................... | саҳ. | 5 |
| 7 | Таркиби (қисмҳои) барномаи “Бойгонии электронӣ” | ......................... | саҳ. | 6 |
| 8 | Тартиби ворид намудани маълумот ба барномаи “Бойгонии электронӣ” | ......................... | саҳ. | 7 |
| 9 | Ҷустуҷӯ намудани маълумот дар барномаи “Бойгонии электронӣ” | ......................... | саҳ. | 11 |
| 10 | Тартиби ислоҳ намудани маълумот | ......................... | саҳ. | 14 |
| 11 | Тартиби истифодаи банди «Ҳисоботҳо» | ......................... | саҳ. | 16 |
| 12 | Тартиби истифодаи зербандҳои «Рӯйхати аризаҳои имрӯз дохилшуда» ва «Идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷатҳо» | ......................... | саҳ. | 17 |

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал оид ба истифодабарӣ ва ворид намудани маълумотҳо ба барномаи “Бойгонии электронӣ” (минбаъд Дастурамал) дар асоси моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ” таҳия карда шудааст.

2. Дастурамали мазкур тартиби ворид намудани маълумотҳо ва истифодабарии барномаи “Бойгонии электронӣ”- ро муайян менамояд.

## 2. Мафҳумҳои асосӣ

3. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудааст:

**– молу мулки ғайриманқул** – қитъаҳои замин ҳамчун моликияти давлатӣ, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар молу мулки ғайриманқуле, ки ба замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст;

**– рақами кадастрӣ** – рақами ягонаи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон такрорнашаванда ва ивазнашавандае, ки дар тамоми давраи мавҷудият ва барҳамхурии мавҷудияти молу мулки ғайриманқул нигоҳ дошта мешавад;

**– бойгонӣ** – воҳиди сохтории ташкилоти ҷумҳуриявӣ ё ташкилоти минтақавии бақайдгирӣ, ки ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии маҷмӯи ҳуҷҷатҳои бойгониро амалӣ менамояд;

**– ҳуҷҷати бойгонӣ** – ҳуҷҷати дорои моҳияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, новобаста ба шакли маълумот ва моликият, ки дар бойгонии ташкилоти ҷумҳуриявӣ ё ташкилоти минтақавӣ нигоҳдорӣ карда мешавад;

**– ҳуҷҷати электронӣ** – ҳама гуна иттилооти матнӣ, садоӣ, графикӣ ва дигар иттилооти сохторбандинашуда, ки бо истифода аз асбобҳои коркарди иттилоотӣ ва компютерӣ сохта шуда, дар ҳомили мошинӣ нигоҳ дошта мешаванд;

**– рақами инвентарии электронӣ** – рақами тартибии ҳуҷҷати бойгонӣ (парвандаи бақайдгирӣ, шиносномаи техникӣ, парвандаи заминсозӣ), дар ҳомилҳои электронӣ ба рӯйхат гирифта шуда, ки дар саҳифаи аввали ин ҳуҷҷат гузошта мешавад;

– **бойгонии электронӣ** – ин системаи сохтории нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электроние мебошад, ки эътимоднокии нигоҳдорӣ, махфият ва тафриқаи ҳуқуқҳои дастрасӣ, пайгирии таърихи истифодаи ҳуҷҷатҳо, ҷустуҷӯи зуд ва қулайро таъмин менамояд.

## 3. Вазифа ва масъулияти истифодабарандагони барномаи “Бойгонии электронӣ”

4. Истифодабарандагони барномаи “Бойгонии электронӣ” нисбати дуруст ворид намудани маълумотҳо ва истифодабарии Барнома масъулияти шахсӣ доранд. Маъсулияти пурра нисбати ворид кардани маълумотҳо ва истифодабарии Барнома ба зиммаи истифодабарандагони барномаи “Бойгонии электронӣ” гузошта шудааст.

5. Истифодабарандагони барномаи “Бойгонии электронӣ”, ки ба ворид намудани маълумотҳо, коркарди маълумотҳо ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ машғуланд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустии маълумотҳои воридномуда, хизмат нарасонидан ё сифати пасти хизматрасонӣ, инчунин барои зарари расонидашуда масъул мебошанд.

6. Шахсоне, ки аз рӯи вазифаҳои хизматиашон ҳуқуқи дастрасӣ ба махзани маълумотҳои барномаи “Бойгонии электронӣ”- ро доранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои махфияти нигоҳ доштани маълумотҳо масъулияти шахсӣ доранд.

7. Ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии бақайдгирии давлатӣ ҳифзи ҳуҷҷатҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба онро аз иҷозати ғайриқонунии истифодабарӣ, тасарруф ва нобуд кардан таъмин менамоянд.

## 4. Субъектҳои истифодабарии барномаи “Бойгонии электронӣ”

8. Истифодабарандагони Барномаи “Бойгонии электронӣ” кормандони ташкилоти ҷумҳуриявӣ ва ташкилотҳои минтақавии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул мебошанд, ки рамз ва логини шахсии худро доранд. Рамз ба истифодабарандагон тавассути СМС паёмак аз тарафи барнома ирсол карда мешавад. Инчунин дар ҳолати ба барнома ворид намудани истифодабарандаи нав ба рақами



телефони мобилии ӯ СМС паёмак бо рамз ва логин ирсол карда мешавад.

**5. Тартиби ворид шудан ба барномаи “Бойгонии электронӣ”**

9. Ҳангоми маротибаи аввал ворид шудан ба равзанаи http://boygoni.sabt.tj/ дар экрани компютер майдонча барои дохил кардани логини истифодабаранда ва рамз пайдо мешавад, ки дар он рамз ва логини истифодабарандаро бо ҳарфҳои лотинӣ ворид намудан зарур аст.

10. Баъд аз ворид намудани логини истифодабаранда ва рамз, дар поёни майдончаи рамз, тугмачаи “**дохилшавӣ”-**ро пахш кардан зарур аст. Сипас Барнома дар майдончаи алоҳида, рақами телефони шахси воридшавандаро мепурсад, ки пас аз ворид намудани он ба ин рақами телефон паёмак оиди тасдиқи шахсияти воридшаванда фиристода мешавад.




11. Истифодабаранда СМС-паёмакро аз телефонаш хонда, рамзи тафтишотиро ба Барнома ворид менамояд. Пас аз гузаштани ҳамаи ин амалиёт истифодабаранда ба тариқи худкор вориди сарсаҳифаи Барнома мегардад.

**6. Тартиби иваз намудани рамзи истифодабаранда**

12. Барои таъмин намудани бехатарии Барнома, ҳар як истифодабарандаро зарур аст, ки рамзи худро дар Барнома иваз намояд. Барои иваз намудани рамз дар сарсаҳифаи Барнома тугмачаи **“Хуш омадед”-**ро пахш намуда, ивазкунии рамзро интихоб намояд. Дар равзанаи кушодашуда, рамзи аввала ва баъдан дар ду майдончаи поёнӣ рамзи навро ворид карда, тугмачаи **“Сабткунӣ”**- ро пахш намудан лозим аст. Пас аз пахш намудани тугмачаи “Сабткунӣ” барнома оиди нигоҳ доштан ё надоштани рамзи истифодабаранда иҷозат мепурсад. Ба ҳамаи истифодабарандагон тавсия дода мешавад, ки барои таъмини бехатарии Барнома нигоҳдории рамзи корӣ иҷозат

дода нашавад. Баъд аз ин амалҳоро ичро намудан рамзи истифодабаранда иваз мешавад.










## 7. Таркиби (қисмҳои) барномаи «Бойгонии электронӣ»

13. Барномаи **«Бойгони электронӣ»** аз қисмҳои зерин иборат:

а) Асосӣ;

б) Ворид намудани маълумот;

в) Ҷустуҷӯ дар бойгонӣ;

г) Ҷустуҷӯ барои ислоҳ;

д) Ҳисоботҳо;

е) Руйхати аризаҳои имруз дохилшуда;

ж) Идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷатҳо.

## 7. Тартиби ворид намудани маълумот ба Барномаи “Бойгонии Электронӣ”

14. Бо ворид шудан ба Барномаи **«Бойгони электронӣ»** мо ба сарсаҳияфаи Барнома ворид шуда дар тарафи чапи он қисмҳои барномаро мебинем, ки дар қатори онҳо зерқисмҳои **«Рӯйхати аризаҳои имрӯз дохилшуда»** ва **«Идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷатҳо»** ҷойгир шудаанд.




Бо интихоб намудани қисми **«Асосӣ»** сарсаҳифаи Барнома кушода мешавад, ки дар он маълумотҳои имрӯз воридшударо мебинем.

15. Дар Барномаи “Бойгонии Электронӣ” маълумотҳои ҳуҷҷатҳои қоғазии дар бойгонӣ мавҷуд буда (парвандаҳои заминсозӣ, шиносномаҳои техникӣ, парвандаҳои бақайдгирӣ ва дигар намуди ҳуҷҷатҳои бойгонӣ) новобаста аз ҳолати бақайдгирии давлатии онҳо барӯйхат гирифта (дар барнома ворид карда) мешаванд.

16. Барои ворид намудани маълумоти нав дар барнома, истифодабаранда дар сарсаҳифаи Барнома қисми **“Ворид намудани маълумот”**–ро, ки дар тарафи чапи равзана ҷойгир шудааст, пахш менамояд. Дар равзанаи кушодашуда маълумотҳо ба таври зерин ворид карда мешаванд:

– майдончаи **“Насаб, ном ва номи падар”** – номи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ ба пуррагӣ ворид карда мешавад;




– майдончаи **“Категорияи объектҳо”** – дар ин майдонча

истифодабарандаро зарур аст, ки аз рӯйхати пешниҳодгардида категорияи объекти мазкурро интихоб намояд. Масалан: хонаҳои истиқоматӣ;

– майдончаи **“Таъиноти мақсаднок”** – пас аз интихоби категорияи объект бо тарзи автоматӣ майдончаи **“Таъиноти мақсаднок”** фаъол мегардад. ки истифодабарда таъиноти мақсадноки объекти молу мулки мазкурро аз рӯйхати пешниҳодгардида интихоб менамояд. Масалан: манзили истиқоматии шахсӣ (ҳавлӣ) ва ғайра;

– майдончаи **“Намуди ҳуҷҷат”** – дар ин майдонча панҷ намуди ҳуҷҷат ворид карда шудааст, ки ҳангоми воридкунии маълумотҳо яке аз ин ҳуҷҷатҳо интихоб карда мешавад:

а) Парвандаи заминсозӣ;
б) Шиносномаи техникӣ;
в) Парвандаи бақайдгирӣ;
г) Парванда;
д) Парвандаи заминсозӣ ва шиносномаи техникӣ.




– майдончаи **“Ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда”** – барои пур намудани ин майдонча аз рӯйхати пешниҳодшуда номгӯи ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ё тасдиқкунандаи ҳуқуқ интихоб карда мешавад. Агар объекти молу мулки ғайриманқул ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ё тасдиққунандаи ҳуқуқ надошта бошад, он гоҳ аз руйхат майдончаи холӣ интихоб карда мешавад.



– майдончаи **“Рақами ҳуҷҷат”** – ин майдонча дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ё тасдиқкунандаи ҳуқуқ пур карда мешавад.




– майдончаи **“Санаи дода шудани ҳуҷҷат”** - ин майдонча ҳам дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ё тасдиқкунандаи ҳуқуқ пур карда мешавад.




– майдончаи **“Масоҳати қитъаи замин дар асл”** – дар ин майдонча масоҳати воқеии қитъаи замин, ки дар шиносномаи техникӣ муайян карда шудааст, бо метри мураббаъ танҳо бо рақамҳо пур карда мешавад. ***Дар ҳолати муайян набудани масоҳати қитъаи замин дар асл ҳатман сифр (0) навишта мешавад.***

– майдончаи **“Масоҳати қитъаи замин аз рӯи ҳуҷҷат”** – дар ин майдонча масоҳати қитъаи замин аз рӯи ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ё тасдиқкунандаи ҳуқуқ бо андозаи метри мураббаъ, бо рақам (12,2 м.м.) пур карда мешавад. ***Дар ҳолати муайян набудан масоҳати қитъаи замин аз рӯи ҳуҷҷат ҳатман сифр (0) навишта мешавад.***

– майдончаи **“Масоҳати умумии сохтмон”** – дар ин майдонча масоҳати умумии сохтмон, ки дар шиносномаи техникӣ муайян карда шудааст, бо метри мураббаъ, бо рақам пур карда мешавад. ***Дар ҳолати муайян набудан масоҳати умумии сохтмон ҳатман сифр (0) навишта мешавад.***




– майдончаи **“Рақами кадастрии бино/замин”** – ин майдонча дар ҳолати мавҷуд будани рақами кадастрӣ пур карда мешавад. Агар рақами кадастрӣ таъин нашуда бошад, майдонча холӣ гузошта мешавад. Рақамҳои кадастрии молу мулки ғайриманқул барои замин, бино ва бинои ҷудогона чунин мебошанд:
– қитъаи замин: **65-001-000001**;
– бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ: **65-001-000001-01**;
– бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона: **65-001-000100-01-001.**




– майдончаи **“Санаи воридшавии ҳуҷҷат”** – дар ин майдонча санаи ворид шудани ҳуҷҷат ба бойгонии корхона сабт мегардад.

– майдончаи **“Эзоҳ”** – ин майдонча барои қайд намудани маълумотҳои иловагӣ пешбинӣ шудааст.




– майдончаи **“Суроғаи ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул”** – дар ин майдонча суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул дарҷ карда мешавад. Аз рӯи тартиби нишондодашуда суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул аз вилоят, ноҳия, ҷамоат, деҳа/мавзеъ, квартал, кӯча/маҳалла, хона, блок, ҳуҷра иборат мебошад.




13. Баъд аз пурра ворид намудани маълумотҳо тугмачаи **“Сабткунӣ”** – ро пахш намудан лозим аст. Пас аз сабт шудан дар равзана тугмачаи **“Сабти нав”** ва рақами инвентарии электронӣ (дар қисмати болои монитор) пайдо мешавад. Ин рақам аз тарафи мутахассиси бойгонӣ дар сарсаҳифаи парвандаи мазкур дарҷ мегардад. Масалан: РИЭ: 650009319. Баъди дарҷ намудани рақами инвентарии электронӣ дар сарсаҳифаи ҳуҷҷат мутахассиси бойгонӣ ҳуҷҷати мазкурро дар формати PDF нусхабардорӣ намуда, тавсия дода мешавад, ки номи ҳуҷҷати мазкурро бо рақами инвентарии электронӣ гузорад. Ин рақам барои зудтар ҷустуҷӯ намудани ҳуҷҷати электронӣ мусоидат менамояд.

## 8. Ҷустуҷӯ намудани маълумот дар Барномаи “Бойгонии электронӣ”

17. Барномаи “Бойгонии Электронӣ” барои ҷустуҷӯ намудани маълумотҳои объекти молу мулки ғайриманқул, ки дар базаи маълумотҳои барнома мавҷуд аст, якчанд равандҳоро дорад:

**- таъиноти мақсаднок** - истифодабаранда метавонад аз рӯи таъиноти мақсадноки объекти молу мулки ғайриманқул ҷустуҷӯ намояд. Аз рӯйхати пешниҳодшуда намуди таъиноти мақсадноки объекти молу мулки ғайриманқулро интихоб намуда тугмачаи **“ҷустуҷӯ”**- ро пахш намояд.

**- ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда** – ҷустуҷӯи маълумот аз рӯи ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаи объекти молу мулки ғайриманқул. Аз рӯйхати пешниҳодшуда намуди ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаи объекти молу мулки ғайриманқулро интихоб намуда тугмачаи **“ҷустуҷӯ”** пахш карда мешавад.




**- ному насаби соҳибҳуқуқ** – мутахассис метавонад аз рӯи ному насаби соҳибҳуқуқ (шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ), ки дар барнома ворид гардида аст, дилхоҳ сабтро ҷустуҷӯ намояд. Барои ин дар қисмати мазкур ному насаби соҳибҳуқуқро ворид намуда тугмачаи “ҷустуҷӯ” – ро пахш менамояд.

**- шаҳр/ноҳия** – дар ин майдонча мутахассис шаҳр/ноҳияи худро барои ҷустуҷӯ намудан интихоб менамояд.

**- деҳот/квартал** – дар ин майдонча мутахассис ҷамоати деҳот, ҷамоати шаҳрак ва ё квартали лозимаро интихоб менамояд. Бо интихоб намудани шаҳр/ноҳия рӯйхати ҷамоату шаҳракҳо дар майдончаи деҳот/квартал ба тарзи худкор тағйир меёбанд.

**- деҳа** – дар ин майдонча мутахассис аз байни деҳаҳои дар рӯйхатбуда деҳаи лозимиро интихоб менамояд. Рӯйхати деҳаҳо ба мисли рӯйхати ҷамоату шаҳракҳо, ҳангоми интихоб намудани майдончаи **“деҳот/квартал”**, дар доираи як шаҳр/ноҳия ба таври худкор тағйир меёбад.




-**маҳалла/кӯча** – дар ин майдонча бо тафовут аз майдончаҳои болоӣ, номгӯи кӯча аз тарафи мутахассис дастӣ ворид карда мешавад.




**-№хона:/№ҳуҷра: -** ин майдончаҳо дар равзана паи ҳам ҷойгир шудаанд, аз ин рӯ мувофиқи тартиби нависти суроға, аввал рақами хона ва баъдан рақами утоқ ворид карда мешаванд.



**- Р-И электронии пешина:/Р-И пешина:** - рақами инвентарии электронии пешина ин рақаме мебошад, ки дар барномаи “Бойгонии электронӣ”-и пешина (дар заминаи барномаи Акссес сохташуда) ворид шуда буд. Рақами инвентарии пешина – рақаме мебошад, ки дар рӯи ҳуҷҷати бойгонӣ дарҷ гаштааст. Бо ворид намудани РИЭП ва РИП дар ин майдончаҳо, сабти дахлдор аз махзани маълумотҳо ҷуста мешавад.




**- рақами инвертарии электронӣ** – рақами инвертарии электронӣ рақами мушахасси такрорнашавандаи электронии барномаи мазкур мебошад. Ҳангоми ворид намудани сабти нав ба ҳар як сабт бо тарзи худкор рақами ягона таъин карда мешавад. Мутахассис метавонад дар Барнома аз рӯи ин рақам дилхоҳ сабтро ҷустуҷӯ намояд. Барои ин дар майдончаи **“рақами инвертарии электронӣ”** рақами сабтро ворид намуда тугмачаи “ҷустуҷӯ” – ро пахш намудан лозим аст.




**- раками кадастрӣ** – дар ин майдонча рақами кадастрии объекти молу мулки ғайриманқул барои ҷустуҷӯ ворид карда мешавад.



18. Ҳамаи майдончаҳои дар боло гуфташуда дар якҷоягӣ бо интихоби майдончаи **“сана аз”**, яъне санаи таърихи рӯз ҷуста мешаванд. Ҳангоми ҷустуҷӯи маълумот дар Барнома яке аз майдончаҳо ворид шуда, сабтҳо аз санаи нишондодашуда то санаи нишондодашуда чустучӯ карда мешаванд. Сабтҳо дар як саҳифаи интернетӣ на зиёда аз 100 адад пайдо мегарданд.

## 9. Тартиби ислоҳ намудани маълумот

19. Амалиёти ислоҳ намудани маълумот ин амалиёти муваққатӣ мебошад ва баъди пурра ислоҳ намудани маълумотҳои пешина ин банд аз Барномаи бойгонии электронӣ бардошта мешавад. Пас аз пурра ислоҳ намудани маълумотҳои пешина имкониятҳои ҷустуҷӯ дар барнома мукамалтар мегарданд ва махзани маълумотҳо дар Барнома азнавсозӣ мешаванд.




20. Барои дарёфт ва ислоҳ намудани маълумотҳои пешина мутахассис дар Барнома қисми **“Ҷустуҷӯ (барои ислоҳ)”** – ро интихоб менамояд. Барои пайдо намудани маълумот мутахассисро зарур аст аз санаи муайян то санаи муайян маълумотҳоро ҷустуҷӯ намояд. Агар маълумот оиди ҳамаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ зарур бошад, пас санаи таърихи рӯзро аз санаи аввалин ҳуҷҷати воридшуда ба бойгонӣ то имрӯз интихоб намудан лозим аст. Пас аз ислоҳ намудани маълумот тугмачаи **“Сабткунӣ”** пахш карда мешавад.

21. Ҳангоми кушодани сабти муайян барои ислоҳ намудан, Барнома маълумотро дар равзанаи нав мекушояд ва баъд аз ислоҳ намудан мутахассисро зарур аст, ки ин равзанаро маҳкам намояд.




22. Ислоҳи хатогиҳо дар Барнома ҳамаи майдончаҳоро дар бар мегирад, яъне мутахассиси бойгониро зарур аст, ки дурустии маълумотҳоро тафтиш намуда, дар ҳолати дарёфти хатогӣ онро ислоҳ намояд.

23. Баъд аз ворид намудани маълумот ва сабт кардани он ба Барнома, дар қисмати поёнии равзана тугмачаи **“Замимакунӣ”** пайдо мешавад, ки он барои якҷоя намудани маълумотҳои хаттӣ бо файли электронии он (*.pdf) ба назар гирифта шудааст.




24. Навиштаҷоти **“Маълумот вуҷуд надорад ва ё барои дидани маълумот ҳуқуқи кофӣ надоред!”** ба ҳолати сабти маълумотҳо дар Барнома дахл надорад. Ин навиштаҷот ба майдончаи замимакунии файли ҳуҷҷати электронии бойгонӣ тааллуқ дошта, ҳангоми холӣ

будани он майдонча навиштаҷоти **“Маълумот вуҷуд надорад...”** пайдо мегардад.

## 10. Тартиби истифодаи банди «Ҳисоботҳо»

24. Дар банди «Ҳисоботҳо» хисоботи бойгонӣ оид ба тамоми маълумотҳои бойгонӣ дар ҷумҳурӣ ва ҳисоботи бойгонии шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ, ворид карда шудаанд. Ҳуқуқи дастрасӣ ва истифода аз банди мазкур танҳо ба салоҳияти корманди ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ, ки аз тарафи роҳбарияти КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” тасдиқ карда мешаванд, вогузор карда шуда аст.




## 11. Тартиби истифодаи зербандҳои «Рӯйхати аризаҳои имрӯз дохилшуда» ва «Идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷатҳо»

25. Дар зербанди «Рӯйхати аризаҳои имрӯз дохилшуда» маълумот ҳангоми сабт намудани аризаҳо ба тариқи худкор ворид мегардад.




26. Баъд аз ворид шудани маълумот мудири бойгонӣ вазифадор аст, ки то вақти аз тарафи сардори раёсати/шӯъбаи бақайдгирӣ муайян намудани бақайдгиранда, ҳуҷҷати дархостшавандаро аз бойгонӣ дастрас намуда, барои ба бақайдгиранда дастрас намудан тайёр намояд.

27. Баъди аз тарафи сардори раёсати/шӯъбаи бақайдгирӣ ба бақайдгиранда вобаста намудани ариза маълумот оиди молу мулки ғайриманкули бақайдгирифташаванда ба тариқи худкор аз рӯйхати аризаҳои имрӯз дохилшуда нест мешавад ва ба руйхати идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷат ворид мешавад.




28. Дар ин маврид бойгонидор тугмачаи “**супоридани бойгонӣ**”- ро зер менамояд ва дар экран маълумотҳои барои бойгонидор зарурӣ оид ба ҳуҷҷати дахлдор пайдо мешаванд.

29. Бойгонидор мутобиқи маълумоти пайдошуда ба майдончаи “**бойгониро қабул кард**” дохил шуда, аз рӯйхат бақайдгирандаи дахлдорро интихоб менамояд. Баъдан, аз майдончаи “**ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда**” ҳуҷҷати зарурироинтихоб намуда, оид ба ин ҳуҷҷат маълумотҳои барои бойгонидор зарурироа дар майдончаи “**эзоҳ**” ворид менамояд ва тугмачаи “**сабткунӣ**”-ро пахш менамояд. Баъди ин амалро иҷро намудан, дар экран маълумот оиди санаи додани ҳуҷҷат ва мутахассисе, ки ҳуҷҷатро гирифтааст, пайдо мешавад.



| Маълумот оиди супоридани бойгонӣ | | | Санаи бозгашт | Амалҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| Шахсе, ки бойгониро гирифт | Шахсе, ки бойгониро супорид | Сана | | | |
| Абубакри Сангалӣ супоридани бойгонӣ | Иргашева Дилором | 27.10.2021 16:25 | | замимакунии ҳуҷҷат | шиноснома дар бойгони мавчуд а... |
| Ҳабибуллозода Умед | Иргашева Дилором | 27.10.2021 16:12 | қабули ҳуҷҷат | замимакунии ҳуҷҷат | ПАРВАНДА ДАР БОЙГОНИ МАВЧУД НЕ... |
| супоридани бойгонӣ | | | | замимакунии ҳуҷҷат | шиноснома дар бойгони мавчуд ... |
| Бобоназаров Дилшод | Иргашева Дилором | 06.10.2021 11:11 | 11.10.2021 08:24 | замимакунии ҳуҷҷат | парванда дар бойгони мавчуд не... |
| Абубакри Сангалӣ | Иргашева Дилором | 08.10.2021 13:24 | қабули ҳуҷҷат | замимакунии ҳуҷҷат | ШИНОСНОМА ДАР БОЙГОНИ МАВЧУД А... |

30. Дар баробари ин маълумот оиди аз бойгонӣ ҳуҷҷатро дастрас намудан дар экрани компютери бақайдгирандае, ки ба он ҳуҷҷат вобаста карда шудааст, пайдо мешавад.

31. Дар навбати худ бақайдгиранда ба рақами тартибии бойгонӣ медарояд ва дар экран оид ба тасдиқ намудани гирифтани ҳуҷҷат маълумотҳои зерин пайдо мешаванд.




32. Бақайдгиранда тугмачаи **“тасдиққунӣ”**-ро пахш намуда, бо ин амал гирифтани ҳуҷҷати бойгониро тасдик менамояд. Дар ин маврид дар экрани бойгонидор оид ба тасдиқи гирифтани ҳуҷҷат аз тарафи бақайдгиранда маълумот пайдо мешавад ва ранги майдончае, ки насаб, ном ва номи падари бақайдгиранда сабт шудааст, дигар шуда, рангаш сабзи беранг мешавад ва пеш аз ному насаб аломати «☑» пайдо мешавад. Баъд аз тасдиқ намудани гирифтани ҳуҷҷат маълумот оиди гирифтани ҳуҷҷат аз компютери бақайдгиранда нест мешавад.

33. Баъд аз ба итмом расидани амалиёти бақайдгирӣ, бақайдгиранда ҳуҷҷати бойгониро ба бойгонӣ бармегардонад ва бойгонидор дар Барнома оиди баргардонидани ҳуҷҷат маълумот ворид менамояд. Барои ин тугмачаи “**қабули ҳуҷҷат**”-ро, ки ранги сурх дорад, пахш менамояд. Пас аз пахш намудан дар экрани компютери бойгонидор равзанаи зерин пайдо мешавад.



34. Бойгонидор ба ҳуҷҷати қабулшуда дар майдончаи “**эзоҳ**” маълумоти иловагӣ ворид намуда тугмачаи “**сабткунӣ**”-ро пахш менамояд. Баъди пахш намудани тугмача дар сутуни санаи бозгашт дар рӯйхати идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷат, сана ва вақти супоридани ҳуҷҷат пайдо мешавад.




35. Агар оид ба ҳуҷҷати дар рӯйхати идоракунии додан ва қабули ҳуҷҷат мавҷудбуда маълумоти иловагӣ лозим шавад, он гоҳ ба рақами тартибии ҳуҷҷат ворид шуда маълумотҳои иловагиро дастрас мешавем.

36. Агар дар бораи ҳуҷҷати дархостшаванда дар бойгонӣ маълумоти электронӣ мавҷуд бошад, он гоҳ бойгонидор тугмачаи **“замимакунии ҳуҷҷат”**-ро фаъол менамояд.

37. Дар экран маълумот оиди сабти электронии ҳуҷҷат (бо нишон додани рақами кадастрӣ) ва тугмачаи **“файлро интихоб намоед”** (**“выберите файл”**) пайдо мешавад.



Ба ин майдонча даромада, ҳуҷҷатро интихоб намуда, тугмачаи **“сабткунӣ”**-ро пахш менамоем. Баъд аз ин ба бақайдгиранда маълумоти электронӣ нисбати ин ҳуҷҷат дастрас мешавад. Дар экрани бойгонидор бошад, тугмачаи **“замимакунии ҳуҷҷат”** (ранги кабуд) ба тугмачаи **“несткунии ҳуҷҷат”** (ранги сабз) мубаддал мегардад.




38. Барои несткунии ҳуҷҷати электронӣ ба тугмачаи **“несткунии ҳуҷҷат”** даромадан лозим мешавад. Сипас тугмачаи **“ҳа”** пахш карда шуда, ҳуҷҷат нест карда мешавад.

Барои қайдҳо